# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ. Барои мавқеи ҷойгиршавии конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор хавфҳои экзогенӣ ва эндогенӣ хос аст, ки бо зоҳиршавии ҷараёнҳои фаъоли табиӣ, сейсмикӣ, ва геодинамикӣ робитаи зич доранд. Дар шароити тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ геосистемаҳои кӯҳӣ бинобар сабаби ҷараёнҳои техногении фаъолияти муҳандисию хоҷагидории инсон, рушди хавфҳои геологиро дар ҳамбастагӣ бо муҳити атроф фаъол мегардонанд. Муайян намудани хусусиятҳои табдилёбии муҳити атроф ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ масъалаи муҳимтарини геоэкологӣ арзёбӣ гардида, бо ин мақсад гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологӣ дар шароити таъсири техногенӣ, инчунин таҳияи чораҳо оид ба коҳиш ва типикунонии хатарҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ вазифаи актуалӣ ва аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Мубрамии мавзуъ бештар дар инҳо ифода мегардад: натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ, аграрӣ ва географӣ дар вақти гузаронидани лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ истифода гарданд;

қисмҳои ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ дар шакли тавсияҳо ва барои татбиқ дар истеҳсолот пешниҳод карда шудааст (санадҳои татбиқ аз 27.05 соли 2025 ва 17.09 соли 2025), чораҳои ҳифзкунандаи табиии таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти ояндадори корхонаҳои саноати кӯҳӣ барои коҳиш додани таъсири хавфҳои геоэкологӣ истифода гарданд; харитаҳои таҳиянамудаи муаллиф дар Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ истифода гарданд.

Мубрамияти рисолаи мазкур, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки то кунун аз ҷониби олимони ватанӣ ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Унвонҷӯ Кароматуллои Юсуф соли 2012 ба факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2017 бо дипломи муқаррарӣ хатм намудааст.

Бо фармоиши ректори ДМТ аз 01.02.2018, №54-05 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техника аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология таҳсили худро идома дода, онро аз 06.12.2021, №479-05 аз рӯйи ихтисоси мазкур хатм намудааст. Айни ҳол ба ҳайси ходими илмӣ дар Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ кор ва фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Кароматуллои Юсуф аз муқаддима чор боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба **«Тавсифи физикӣ-географии минтақа»** бахшида шуда, дар он масъалаҳои сохторҳои кӯҳӣ ва унсури асосии орографии минтақа, релефи нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор ва хусусиятҳои гидрологии минтақа баррасӣ шудаанд. Шароити гидрологии ҳавза аз ҷониби олимон В.Л. Шулс, Л.С. Френкел, Ю.С. Усков, И.Г. Тахиров, Г.Ю. Бабаев, Г.Д. Купай, У.И. Муртазоев, А.О. Киммерих ва дигарон омӯхта шудааст. Ба хусусиятҳои зоҳиршавии ҷараёнҳои ярчӣ ва фурӯғалтӣ корҳои илмӣ-тадқиқотии олимону донишмандони: О.К. Зеркал, М.С. Саидов, Н.Р. Ишук., А.М. Шомахмадов, В.С. Федоренко, С.Н. Емелянов, В.И. Липилин, Х. Мирзобаев А.В., Шварс, Н.Н. Нилов, Н.П. Костенко, А.И. Шико, ва дигарон бахшида шудааст. Мураккаби ва гуногунии релеф, иқлим, хок ва набодот барои дар минтақаи ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ба вуҷуд омадани маҷрои ҷараёни обӣ шароити хеле гуногун фароҳам оварда, ба ташаккул ва реҷаи ҷараёни дарёҳои минтақаи таҳқиқшуда таъсири калон мерасонанд, ки ба туфайли онҳо ҷараёни асосии дарёҳои сершумор ба амал меоянд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Сохтори геологӣ ва ҳолати сейсмикии минтақа»**-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои сохтори геологӣ, сохтори тектоникӣ ва хусусиятҳои геоморфологии минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар минтақаи тадқиқотӣ таҳшиниҳои ангиштсанг васеъ паҳн шудаанд. Дар нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор қабатҳои ангиштсанг майдони васеъро ишғол мекунанд. Муҳимтарин вайроншавии тектоникӣ дар минтақа тарқиши амиқи Ҳисор мебошад, ки дар сарҳади минтақаҳои сохторӣ-фатсиалии Ҳисори ҷанубӣ ва Зарафшон-Ҳисор воқеъ гардидааст. Дар ҳудуди Ҳисори ҷануби, ба ғайр аз тарқишҳои амиқи Ҳисор, тарқишҳои амиқи дохилиблокӣ фарқ мекунанд, ки ба масофаи чандсад километр тул кашидаанд. Ин тарқишҳо дар сарҳади сохторҳои

алоҳидаи чиндории шабака, ки аз рӯйи синну сол ғафс ва таркиби фатсиалии таҳшониҳо фарқ мекунанд.

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Хусусиятҳои геоэкологии минтақа»** дарҷ гардида, дар он масъалаҳои таснифи ландшафтҳо, таснифи шароити хокҳо ва шароити иқлим баррасӣ гардидаанд. Конҳои ангишти нишебии ҷанубӣ қаторкуҳи Ҳисор дар таъмини амнияти энергетикии кишвар накши муҳим доранд. Ин дар қаламрави мазкур мавҷуд будани конҳои бузурги ангишт, аз қабили Зиддеҳ, Тошқутан, Ҳакимӣ, Суффа, Чашмасанг, Сайёд ки захираҳои асосии ангишт дар кишвар мебошанд, вобаста аст. Дар саргаҳи дарёи Хонақо қабатҳои юра қаноти ҷанубии антиклинали калонро ишғол мекунанд ва бо чиндоршавиҳои иловагӣ мураккаб мегарданд. Дар мавзеи тадқиқшуда ҳама намуди ландшафтҳои рекреатсионӣ: табобатӣ, саломатӣ, варзишӣ ва тарбиявӣ мавҷуданд; навъи охирини ландшафтҳо барои мақсадҳои таълими экологӣ мувофиқтар аст.

Боби чоруми таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Динамикаи тағйирёбии шароити геоэкологӣ»**-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои таъсири техногенӣ ва тағйирёбии вазъи геоэкологии минтақа дар шароити муосир, омилҳои асосии қонунияти пайдоиши хавфҳои табиӣ ва чораҳои геоэкологӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои табиӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлил ва натиҷаҳои мушоҳидаҳои дар боло овардашуда гуногун ва шиддатнокии гуногуни вайроншавии муҳити геологии минтақаро аз сабаби афзоиши босуръати корҳои истихроҷи конҳои ангиштсанг нишон медиҳанд. Афзоиши босуръати ин корҳо дар ду даҳсолаи охир, тарҳрезӣ ва татбиқи асарҳои нав омӯзиши ҳамаҷониба ва муттаҳидонаи ин проблемаи таъхирнопазирро талаб мекунад, ки вазифаи таркибии илми ҷавони геоэкологии Тоҷикистон мебошад. Фаъолияти истихроҷи ангишт яке аз омилҳои тавонои табдили техногении хок бо ташаккули хавфҳои техногенӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд мебошад. Рушди фаъолияти истихроҷи ангишт дар

минтақа ҳатман боиси тасарруфи қитъаҳои муҳими замин ва харобшавии онҳо мегардад. Дар баробари ин аксар вақт барои ин мақсадҳо заминҳои сермаҳсул истифода бурда мешаванд. Бо сарбории техногении расонидашуда алакай қисми зиёди минтақаи тадқиқоти ба элементи ландшафти техногенӣ мубаддал гардидааст.

Шароити географӣ, сохтори геологӣ ва кӯҳию техникии конҳои канданиҳои фоиданоки ҷумҳурӣ корхонаҳои саноати кӯҳиро водор менамояд, ки ба сохтмони шабакаҳои барқию обии хурди худи манфиатдор бошанд, зеро қувваи барқи истеҳсолкардаи онҳо назар ба қувваи аз шабакаи барқии харидоришуда арзонтар мешавад, ки ин ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда таъсири мусбӣ мерасонад. Баъди ҷорӣ намудани технологияи бепартов аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидае назаррасеро ба даст оварда, хароҷотҳои иловагие, ки аз ҷониби корхонаҳои саноати кӯҳӣ масраф шуданд, барқарор намудан мумкин аст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйири иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои геологию минералогӣ,
сарходими илмии озмоишгоҳи баҳодиҳии
хатарҳои сейсмикии Институти геология,
сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва
сейсмологияи АМИТ Валиев Ш.Ф.
«24»____10_______ соли 2025.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони С. Айнӣ 267,
Телефон (+992) 008-88-96-32
E-mail: valiev_sh63@mail.ru

Имзои Валиев Ш.Ф.-ро
тасдиқ мекунам:
Нозир оид ба кадрҳои Институти
геология, сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ Сайдалиева М.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони С. Айнӣ 267
Телефон: (+992 37)2257769
E-mail: igees_asrt@mail.ru,
сомонаи интернетӣ: www.igees.tj
«24»___10______ соли 2025.

ШУЪБАИ КАДРҲО